Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA- 016 - и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146)

Т А Қ Р И З

ба автореферати диссертатсияи Ҳусайнзода Сафаралӣ Мирзомурод дар мавзӯи «Механизми таъмини сифртахриби истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ (дар мисоли кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод шудааст

Дар шароити афзоиши талабот ба маҳсулоти босифати кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқавории кишвар, истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои замини кишоварзӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Аз ин лиҳоз, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳусайнзода Сафаралӣ Мирзомурод аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ дошта, ба ҳалли яке аз масъалаҳои муҳими рушди устувори соҳаи кишоварзӣ равона гардидааст.

Мавзӯи таҳқиқот барои вилояти Хатлон аҳамияти махсус дорад, зеро минтақа дорои бузургтарин иқтидори аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, қисми зиёди истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ, инчунин базаи хӯроки чорво барои рушди чорводорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти гӯшту шир маҳз дар ҳамин вилоят ташаккул меёбад. Дар баробари ин, қисми назарраси заминҳои обии вилоят бо мушкилоти шӯршавӣ, эрозия, пастшавии ҳосилхезӣ ва фарсудашавии шабакаҳои обёрӣ рӯ ба рӯ мебошанд. Аз ин рӯ, такмили механизми таъмини сифртахриби истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ метавонад ба нигоҳдории иқтидори истеҳсолии замин, афзоиши истеҳсоли зироатҳои хӯроки чорво, таҳкими заминаи ашёи хоми соҳаи чорводорӣ ва рушди устувори бозори маҳсулоти гӯшту шир дар вилояти Хатлон мусоидати назаррас намояд.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули механизми таъмини сифртахриби истифодаи захираҳои замини кишоварзиро ҳамаҷониба таҳлил намуда, омилҳои асосии таъсиррасон ба деградатсияи замин, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи он ва самтҳои такмили танзими экологию иқтисодии соҳаи мазкурро пешниҳод кардааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот махсусан дар он зоҳир мегардад, ки баланд бардоштани ҳосилхезии замин ва истифодаи устувори он заминаи муҳими

рушди истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла рушди соҳаҳои чорводорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти гӯшту шир ба ҳисоб меравад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар такмили муқаррароти назариявии механизми таъмини сифртахриби истифодаи заминҳои кишоварзӣ, муайян намудани омилҳои асосии таназзули замин, асоснок намудани принсипҳои танзими экологию иқтисодӣ ва пешниҳоди самтҳои татбиқи иқтисоди «сабз», технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои ҳавасмандгардонии истифодаи устувори захираҳои замин ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатӣ оид ба рушди кишоварзӣ, такмили сиёсати истифодаи замин, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои хӯроки чорво ва рушди истеҳсолоти маҳсулоти рақобатпазири аграрӣ мавриди истифода қарор гиранд. Аз ин ҷиҳат, пешниҳодҳои муаллиф аҳамияти амалӣ доранд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбати таҳқиқот, баъзе масъалаҳо хусусияти баҳсталаб доранд. Масалан, консепсияи сифртахриб барои Ҷумҳурии Тоҷикистон самти нисбатан нави истифодаи устувори захираҳои замин ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, матлуб мебуд, агар муаллиф масъалаҳои мутобиқсозии амалии ин консепсияро бо назардошти хусусиятҳои истеҳсолии минтақаҳои гуногуни кишвар ва имкониятҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ васеътар асоснок менамуд.

Эроди мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонад.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Ҳусайнзода Сафаралӣ Мирзомурод ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсент, муовини ректори ДДБ
ба номи Н. Хусрав **Ҳамдамзода Х.А.**

Имзои «Ҳамдамзода Х.А.»-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и «ДДБ ба номи Носири Хусрав»: Исҳоқзода М.М.
«_____» соли 2026
5.08.2026

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯч. Айнӣ 67;
Тел: 8(3222)2-54-81, 2-22-53;
Почтаи электронӣ: bgu-1978@mail.ru;
Сомона: www.btsu.tj.